# 26 09 2019

***Дар бораи ба эхтиёт рухсат додани хизматчиёни харбие, ки мухлати***

***мукарраргардидаи хизмати харбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии***

***шахрвандони солхои таваллуди 1992-2001-и Чумхурии Точикистон ба хизмати харбӣ***

Мутобики моддаи 7 Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи мудофиа» фармон медихам:

1. Хизматчиёни харбие, ки мухлати мукарраргардидаи хизмати харбиро адо намудаанд, моххои октябр-ноябри соли 2019 аз сафхои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон, Гвардияи миллии Чумхурии Точикистон, Кӯшунхои дохилии Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон, Кӯшунхои мудофиаи граждании Кумитаи холатхои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон, бригадаи посбоникунандаи сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Хукумати Чумхурии Точикистон ба эхтиёт рухсат карда шаванд.

2. Моххои октябр-ноябри соли 2019 шахрвандони чинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шахрвандони синни калонтари Чумхурии Точикистон, ки хукуки ба таъхир андохтани мухлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати харбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон, Гвардияи миллии Чумхурии Точикистон, кӯшунхои дохилии Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон, кӯшунхои мудофиаи граждании Кумитаи холатхои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон, бригадаи посбоникунандаи сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Хукумати Чумхурии Точикистон даъват карда шаванд.

4. Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон, раисони комиссияи даъватии Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон, вилоятхо, шахри Душанбе ва шахру нохияхо даъвати шахрвандонро аз хисоби даъватшавандагони ба таври дакик интихобшуда ба кӯшунхои сархадӣ, Гвардияи миллӣ ва кисмхои харбии таъйиноти махсус бо дар назар доштани хусусиятхои хоси хизмат дар ин вохидхо ва дар навбати аввал пуррагардонии онхо бо иштироки намояндагони макомоти амният ва корхои дохилӣ амалӣ намоянд.

5. Раисони шахру нохияхо бо дарки масъулият якчо бо комиссариатхои харбӣ барои амалӣ намудани мукаррароти моддаи 23 Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ухдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ» даъвати муташаккилонаи шахрвандонро ба хизмати харбӣ ба рох монанд.

6. Вазорати фарханги Чумхурии Точикистон, Кумитаи кор бо чавонон ва варзиши назди Хукумати Чумхурии Точикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Хукумати Чумхурии Точикистон омодагӣ ва рафти даъвати шахрвандонро ба хизмати харбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати харбиро дар Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон хамчун вазифаи мукаддаси хар як шахрванди Чумхурии Точикистон таргибу ташвик намоянд.

7. Вазорати тандурустӣ ва хифзи ичтимоии ахолии Чумхурии Точикистон барои муоинаи назорати тиббии даъватшавандагоне, ки аз чониби комиссияи даъватии Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон, вилоятхо, шахри Душанбе ва шахру нохияхои тобеи чумхурӣ даъват шудаанд, табибону мутахассисони ботачрибаро сафарбар намояд.

Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон  ш. Душанбе 3 сентябри соли 2019 №1353